«Тасдиқ мекунам»
ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»
__________профессор Давлатзода С. Х.
«_____» апрели соли 2022

# ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Рӯзнома: Баррасии таҳқиқоти диссертатсионии омӯзгори кафедраи физикаи умумӣ дар мавзуи «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – «Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика, таҳсилоти олии касбӣ)»

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими физикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлдатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» анҷом дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Холназаров Санг.

Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб: Раҳимзода М. М., соли 2005 факултети физикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»-ро аз рӯйи ихтисоси физика бо дипломи аъло хатм намудааст. Ӯ аз соли 2008 то 2011 аспиранти Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» буда, диссертатсияи номзадиашро соли 2020 дар мавзуи «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика» (қарори Шурои олимони ДДБ ба номи Н.Хусрав аз 24.12.2012, № 5) таҳти роҳбарии д.и.п. профессор Холназаров Санг барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба анҷом расонидааст.

Дар ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими физика д.и.п., профессор Холназаров С., д.и.т., профессор Маҷидов Ҳ., н.и.п., дотсент, мудири кафедра методикаи таълими физика Гулаев И. Х., н.и.ф.м. дотсент Алимардонов Э., мудири кафедраи физикаи умумӣ н.и.т., дотсент, Тургунбаев М. Т., н.и.п. Раҳмонов Ҳ. О., н.и.п. Бубиев М. Ч., н.и.т. Сафаров Ш. Р., н.и.т. Исломов С., н.и.т. Холов Н., н.и.ф.м. Неъматуллоев О., н.и.п. Алламуродов Б. Н., саромӯзгор Тағоймуродов З. М., омӯзгор Холов С. Р., омӯзгор Муҳамадалии Қ., омӯзгор Шарипов С. М., омӯзгор Холиқов Ҳ. С.,

омӯзгор Холов Г. Ш., омӯзгор Ҳусайнов З. Қ., омӯзгор Наҷмиддинов Д., омӯзгор Холов Д., омӯзгор Каримов С., омӯзгор Набиев А., омӯзгор Рауфов С., омӯзгор Бобокалонов Н., омӯзгор Муродов С., ассистент Назаров Қ. А., ассистент Шарипов Б. С., ассистент Шарифхони А., ассистент Пирмуродов М. С., ассистент Ҳотамов Ш. Ч., ассистент Шарипов М., ассистент Шерафгани Н. З., ассистент Авезов З. иштирок доштанд.

Шунида шуд: Маърузаи Раҳимзода Муҳаммаднаби Маҳмадшоҳ вобаста ба диссертатсияи ӯ дар мавзуи «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика».

Довталаб натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиашро дар шакли маърӯза пешниҳод намуд. Аз он ҷумла ӯ қайд кард, ки барои дар сатҳи зарурӣ тайёр намудани омӯзгорони фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таълими фанни физикаро дар сатҳи зарурӣ баа роҳ мондан лозим аст.

То имрӯз дар ин самт тадқиқоти муфассале гузаронида нашудааст. Гузаронидани тадқиқоти муфассали диссертаатсионӣ доир ба ин мавзуъ яке аз проблемаҳои муҳимми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи ин тадқиқотро роҳҳои баланд бардоштани сифати тайёркунии омӯзгорони фанни биология мушаххас карда шуд.

**Ҳадафи таҳқиқот** аз асосноккунии назариявӣ, таҳия ва татбиқи низоми методии касбият-меҳвари омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, системаи методологии касбии ба роҳ мондани таълим аз физика барои донишҷӯёни ихтисосҳои биологӣ дар донишгоҳҳои педагогӣ иборат мебошад.

**Масъалаи таҳқиқот.** Дар асоси мақсади гузошташуда масоили зайл ҳаллу фасл карда мешаванд:

1. Муайян кардани масъалаи омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар асоси таълими фанни физика;

2. Муайян кардани вазъи донишҳои физикӣ ва биологӣ дар марҳалаи кунунии рушди он;

3. Асосноккунии назариявии муқаррароти асосии низоми методии тамоюлӣ - касбии омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биологияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ;

4. Таҳияи методикаи таълими физика барои омӯзгорони ояндаи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, яъне:

– муайян кардани ҳадафҳои умумӣ ва мушаххаси таълими физика барои донишҷӯёни ихтисоси биология дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

– муайян кардани мундариҷа ва сохтори мантиқии методикаи таълими фанни физика ба омӯзгорони ояндаи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ;

– муайян кардани методҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълим;

5. гузаронидани таҳқиқоти озмоишию таҷрибавии педагогӣ бо мақсади санҷиши самаранокии низоми методии таҳияшуда.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро истифодаи** методҳои самаранокӣ таҳқиқот; асоснокии илмии муқаррароти назариявӣ; нишондиҳандагии дискретизатсияи маҷмуӣ; пайдарпайи дохилии мантиқии таҳқиқот барои коркарди натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-ҷустуҷӯии методҳои математикӣ, ки ба вазифа ва мақсадҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд, таъмин менамоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

1. Ба мақсад мувофиқ будани истифодаи методи тамоюли касбӣ дар таълими физика барои фаъолгардонии муаллимони ояндаи биология ҳамчун воситаи истифодаи алоқаҳои байнифаннии биология ва физика пешниҳод карда шудааст.

2. Барои истифодаи алоқаҳои байнифаннӣ самтҳои асосӣ муайян карда шуданд: ба таври васеъ татбиқ намудани методҳои физикӣ ҳангоми омӯзиши равандҳои биологӣ; истифодаи донишҳои физикӣ барои фаҳмондани моҳияти падидаҳои биологӣ ва пешгӯйи онҳо; асоснок кардани зарурати истифодаи донишҳои методологӣ барои такмили донишҳои фанҳои табиӣ; пайдо кардани алоқаҳои байниҳамдигарии фанҳои биология ва физика барои васеъ кардани ҷаҳонбинии донишҷӯён.

3. Методикаи омӯзонидани фанни физика ба омӯзгорони ояндаи биология таҳия шудааст, ки ба воситаи он дар асоси маводи мазмуни байнифаннидошта аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда мешавад, лоиҳаҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва корҳои байнифаннии озмоишӣ анҷом дода шуда, оид ба физика роҳҳои ҳалли вазифаҳои мутобиқгардонидашудаи биофизикӣ пешниҳод карда мешаванд.

4. Дастурҳои методӣ доир ба гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва озмоишии фанни физика барои омӯзгорони ояндаи фанни биология пешниҳод карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардашуда барои муқаррар намудани алоқаҳои байнифаннии биология ва физика мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

1. доир ба таълимӣ самаранокии фанни физика барои дар сатҳи зарурӣ тайёр кардани омӯзгорони ояндаи биология як қатор пешниҳодҳо ироа карда шудааст;

2. як қатор тавсияҳо доир ба интихоби мавзуъ ва мазмуни курси физика бо дарназардошти вижагиҳои донишӣ донишҷӯён ва фаъолияти касбии ояндаи онҳо таҳия карда шудаанд.

3. дастурӣ таълимӣ (доир ба корҳои лабораторӣ) бо назардошти робитаи байнифаннӣ таҳия ва нашр карда шудааст.

**Интишорот ва таъйиди натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз рӯи мавзуи таҳқиқот дар 26 мақолаю маърузаҳои илмӣ, аз он ҷумла 19 мақолаи дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд. Инчунин, мухтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (солҳои 2014 - 2018), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ ва илмӣ-методии «Масъалаҳои физикаи муосир» - Душанбе, 2007; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии «Инкишофи маориф дар давраи истиқлолияти давлатӣ» - Қӯрғонтеппа, 2011; тренингҳои омӯзгорон дар филиали вилоятии Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар; дар семинарҳои илмии факултети физика ва химия - биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муаррифӣ карда шудаанд.

**Хулосаи умумии диссертатсия.** Диссертатсияи Муҳаммаднаби Маҳмадшоҳ дар мавзуи «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика» кори илмии баанҷомрасида буда, ба ихтисоси 13.00.02 – «Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика, таҳсилоти олии касбӣ)» пурра мувофиқат мекунад.

**Қарори ҷаласа**

1. Диссертатсияи номзадии Раҳимзода Муҳаммаднаби Маҳмадшоҳ дар мавзуи «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика» таҳқиқоти илмӣ – тахассусии ба анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба тамоми талабот ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати ҶТ №505 аз 26.11.2016) ҷавобгӯ мебошад ва ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – «Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика, таҳсилоти олии касбӣ)» омода гардидааст.

2. Матни диссертатсия аз таҳқиқоти мустақилонаи илмию тахассусӣ ва соҳавӣ иборат буда, маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуаллифон танҳо тавассути йстинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта, ки пахнкунии он то тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ бошад, мавриди истифода қарор нагирифтааст.

3. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва эксприменталӣ,

ки дар пайёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтаанд.

4. Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз пешкаш намудани тарзҳои самараноки ташаккул ва такмилдиҳии фаъолнокии донишҷӯён ва омӯзгорон ҳангоми азхудкунии мавзуъҳои дарсӣ бо истифода аз методҳои муносибатҳои тамоюли касбидошта иборат аст, ки онҳоро дар амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) босамар истифода бурдан мумкин аст.

5. Диссертатсияи номзадии Раҳимзода М. М. дар мавзуи «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимониояндаи биология дар раванди таълими физика» ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-048-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - «Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика, таҳсилоти олии касбӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба ҳимояи такрорӣ пешниҳод карда шавад. Муаллифи диссертатсия, бешубҳа, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими физикаи ДДБ ба номи Носири Хусрав аз 26 апрели соли 2022, суратҷаласаи № 9 бо иштироки мутахассисони даъватшуда қабул гардидааст.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 31 нафар итирок доштанд, аз ҷумла 2 нафар доктори илм, 10 нафар номзади илм, 19 нафар омӯзгорону ассистентон.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» - 31 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи № 9 аз 26.04.2022

Мудири кафедраи методикаи таълими физикаи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав
номзади илмҳои педагогӣ: Гулаев И. Х.

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои педагогӣ: Бубиев М. Ч.

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67.
Тел.: (+992-3222) 2-45-20, 2-22-53
E-mail: btsu-1978@mail.ru

Имзои И. Х. Гулаев ва М.Ч. Бубиевро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»: Шукурзод Ҷ.А.